# ТАҚРИЗИ

муқаризи расмӣ ба диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи: «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (Triticum aestivum L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Минтакаи ҷануби Тоҷикистон иқлими ба худ хос дошта, бо зимистони кӯтоҳ ва тобистони гарму хушк аз дигар минтақаҳои агроиқлимӣ фарқ менамояд. Ин минтақа аз гармӣ таъмин буда, ҳарорати ҳавои мусбати он (+10°C) ба 250-300 рӯз баробар мебошад. Арзу тӯли фарохи минтақа ва ҳарорати нисбатан гарм боиси паҳншавии зироатҳои гуногун, аз он ҷумла зироатҳои ғалладонагию лӯбиёдонагӣ, зироатҳои техникию равғандиҳанда, ҳамчунин, сабзавоту дарахтони мевадиҳанда гардидаанд. Аммо солҳои охир бинобар сабаби тағйирёбии иқлим, зиёд шудани касаливу ҳашароти зараррасон ва алафҳои бегона боиси камҳосилии зироатҳо гашта, маҳсулнокии навъу намунаҳои зироатҳо паст гардидаанд. Дар ин вобастагӣ таҳияи технологияи навини усулҳои парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва истифодаи навъу намунаҳои пурмаҳсули растаниҳо накши муҳим мебозанд.

Диссертатсияи илмии Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (Triticum aestivum L.) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба ҳамин масъала бахшида шудааст, ки ба бандҳои 4, 5, 6 -уми шиносномаи ихтисоси илмии 06.01.01.-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мувофиқат менамояд

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсияҳо ба истеҳсолот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Он бо риояи талаботи умумӣ тартиб дода шуда, натиҷаи таҳқиқот дар 19 диаграмма, 26 ҷадвал ва расмҳо асоснок шуда, рӯйхати адабиёт 150 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар муқаддима маълумот оид ба муҳиммияти мавзуи диссертатсия, сатҳи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, навгониҳо ва дигар зерҷузъҳо муфассал баён шудаанд. Омӯзиши хусусиятҳои ташаккулёбии аломатҳои морфологӣ, ҳамчунин, таъсири миқдори нурии нитроаммофоска ба ҳосилнокии намунаҳои нави мутобиқшудаи гандум аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити иқлими ҷануби Тоҷикистон бори нахуст аз тарафи муаллиф гузаронида шудааст, ки моҳияти илмиву амалӣ дорад.

**Боби 1 «Тафсири адабиёт»** ба 7 зербоб ҷудо карда шуда, оид ба аҳаммияти гандум дар таъмини амнияти озуқаворӣ, таъсири шароити гуногуни экологӣ, маводди коллексионӣ ва селексияи навъҳо, таъсири нуриҳо ба

ҳосилнокӣ, аломатҳои морфологӣ ва нишондодҳои арзишноки гандум, истеҳсоли гандум дар ҷаҳон ва Тоҷикистон, таъсири хокҳои шӯр ба инкишофи гандумро дар бар мегирад. Ин боб дар ҳаҷми 48 саҳифа навишта шуда, ҳамчун асоси заминавӣ ба таҷрибаҳои амалии муаллиф алоқаманд мебошад.

**Боби 2**-юми диссертатсия дар бораи **«Шароит, объект ва усулҳои таҳқиқот»** мебошад. Боби дуюм аз 4 зербоб иборат буда, маълумот оид ба шароити хоку иқлими минтақа, объект ва усулҳои таҳқиқот ва тавсифи биологии навъи гандуми «Ормон» ҷой дода шудааст.

Дар боби 2-юми диссертатсия 1 ҷадвал ҷойгир карда шудааст, ки дар он маълумот дар бораи ҳарорати ҳаво ва боришоти атмосферии шаҳри Бохтар қайд гардидааст.

Дар қисмати методикаи таҷриба бошад, оид ба омӯзиши таъсири нурии маъданӣ ба ҳосилнокии намунаҳои гандум истифода шуда, аз чор таҷрибаи саҳроӣ ва ё вариант иборат буданд:

1. Назоратӣ;
2. Дар вақти кишт ворид намудани нурии нитроаммофоска бо меъёри 48 кг/га (300 кг/га дар шакли физикӣ);
3. . Дар вақти кишт ворид намудани нурии нитроаммофоска бо меъёри 64 кг/га (400 кг/га дар шакли физикӣ);
4. Дар вақти кишт ворид намудани нурии нитроаммофоска бо меъёри 80 кг/га (500 кг/га дар шакли физикӣ).

**Боби 3**-юм дар бораи **«Натиҷаҳои таҳқиқот»** мебошад. Он ба 10 зербоб ҷудо шуда, оид ба омӯзиши хусусиятҳои афзоиш ва рушд, давомнокии давраҳои сабзиш, тавсифи аломатҳои генетикӣ, сохтори ҳосил, нишондиҳандаҳои биокимиёвии дон, таъсири нурии маъданӣ ба вазни биологӣ, ҳосилнокии намунаҳо, алоқамандии байни аломатҳои намунаҳои таҳқиқшаванда ва тавсифи намунаҳои ояндадори гандум аз рӯйи аломатҳои хоҷагӣ ва таркиби биокимиёвии онҳо дар шароити шаҳри Бохтари вилояти Хатлон маълумоти муҳим ҷойгир карда шудааст. Дар ин боб муаллиф 15 ҷадвалу 17 диаграммаро ҷойгир намудааст. Дар ҷадвалҳои ҷойдодашуда оид ба сабзиши намунаҳои гандуми мулоим дар шароити обёрӣ, фарорасии давраҳои асосии рушди намунаҳои гандуми мулоим, фосилаҳои байнидавраҳои инкишоф, тавсифи аломатҳои намунаҳои гандуми мулоим, таҳлили баъзе аломатҳои намунаҳои гандум аз қабили: вазни растанӣ бе реша, г.; вазни поя, г.; вазни хӯша, г.; миқдори дон дар хӯша; вазни 1000 дона, г., ҳамчунин, таркиби биокимиёвии дони гандуми мулоимдона бо фоиз, ҳосилнокии намунаҳои гандуми мулоимдона вобаста ба меъёри нурии маъданӣ маълумоти зарурӣ мавҷуданд. Дар расмҳо бошад, оид ба фарқияти намунаҳои мутобиқшуда аз рӯйи аломати вазни умумии биологӣ вобаста ба варианти таҳқиқот ва фарқияти намунаҳои

гандум аз рӯйи ҳосилнокӣ вобаста ба истифодаи нуриҳои маъданӣ маълумоти муҳим ҷойгир карда шудааст.

Боби 4-ум дар бораи **«Самаранокии парвариши намунаҳои нави гандум»** мебошад. Дар ин боб муаллиф дар бораи хароҷоти умумӣ барои 1 гектар кишти намунаҳои гандум вобаста ба варианти таҳқиқот, самараи истеҳсолии намунаҳои нави гандум ва нишондиҳандаи миёнаи самаранокии истеҳсолии намунаҳои гандум дар ҳамаи вариантҳои таҷрибаҳо ҷойгир намудааст. Дар ин қисмати диссертатсия 7 ҷадвалу 2 диаграмма ҷойгир буда, маълумоти зарурӣ вобаста ба варианти таҳқиқот оварда шудааст.

Муаллиф дар ин қисмат нишон додааст, ки дар муқоиса бо навъи гандуми назоратии «Ормон» бартарии парвариши намунаҳои гандум ITMI-5, ITMI-30 ва ITMI-32 дар шароити вилояти Хатлон, ки даромаднокиро то 390-411% (ва ё 8,25-8,51 ҳазор сомонӣ/га) бештар таъмин менамоянд, собит сохтааст. Дар ҳамаи вариантҳои таҷриба ин намунаҳои гандум нисбат ба навъи «Ормон» фоиданокии баландро нишон додаанд ва бинобар ин, намунаҳои нави серҳосили гандумро барои дар амалия васеъ ҷорӣ намудан тавсия додааст.

Боби 5-ум «Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот» номгузорӣ гардидааст. Дар ин қисмат унвонҷӯ натиҷаҳои ниҳоии кори диссертатсиониро дар филиали Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар майдони 5 га ҷорӣ кардааст, ки фоидаи иқтисодии онро ба миқдори 8,2-8,5 ҳазор сомонӣ аз як гектр нишон додааст. Дар ин боб қайд гардидааст, ки намунаҳои нави гандуми мулоимдонаи таҳқиқшуда, ки аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дастрас карда шудаанд, ба монанди ITMI -5, ITMI-30, ITMI-32 ва ITMI-103 барои истифодабарӣ дар корҳои селексионӣ ва барои парвариш дар истеҳсолот тавсия намудааст.

Бо вуҷуди моҳияти илмию амалӣ ва навгонию таҳқиқоти муҳим дар диссертатсия якчанд камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд, ки инҳоянд:

1. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ ва риоя нагардидани мавқеи аломати вергул ба чашм мерасанд (саҳифаҳои 65, 67, 74, 75).
2. Дар саҳифаи 84-и диссертатсия ҷадвали 3.5.1. ҷойгир шуда, дар он таркиби биокимиёвии дони гандуми мулоим бо фоиз нишон дода шудааст. Намнокии таркиби дони гандум аз 7,3 то 7,9% хело паст аз нишондоди табиӣ аст, ки бояд дар ҳудуди 12-14% бошад.
3. Дар саҳифаи 88-и диссертатсия ҷадвали 3.6.1. тавсифи аломатҳои морфологии гандуми мулоим оварда шудааст. Вазни рӯйизаминии растанӣ чиро дар назар доред? Як пояи ҳосилдеҳ ё як растанӣ? Вазни поя, вазни хӯша ва вазни донаҳои як хӯша таҳлили омориро талаб мекунад.

4. Рақамҳои ҷадвалҳо бо фарқияти миёнаи камтарин (±) оварда мешуданд, ба манфиати кор мебуд.

5. Ҷумлаҳои такрор дар саҳифаи 84 ва 90, ҳамчунин, ҷадвали 3.5.1. бо ҷадвали 3.6.3. таркиби биокимиёвии дони гандуми мулоим такрори якдигаранд.

Натиҷаи ниҳоии таҳлили диссертатсия ба он водор менамояд, ки мавзуи интихобгардида ва мақсаду вазифаҳои гузошташуда моҳияти илмию амалӣ ва иқтисодиро доранд.

Мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба он мувофиқат намуда, ороишоти он мувофиқи талабот иҷро гардидааст.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (Triticum aestivum L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ комилан ҷавобгӯ аст. Камбудию норасогиҳои баёншуда моҳияти илмию амалии кори анҷомдодашударо коста намегардонанд. Аз ин рӯ муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ: муовини аввал,
муовини ректор оид ба таълими
Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи
ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, дотсент — Музафарзода Даврон Маҳмадшариф

Имзои номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Музафарзода Д.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус — Тоирзода С.Т.

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. E-mail: muzafarov.davron@mail.ru,
Тел.: (+992) 907-77-76-02; (+992) 918-28-54-94.